Нақши М. С. Осимӣ ба сифати роҳбари Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон дар инкишофи илми ватанӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ хеле бузург аст. Маҳз дар 20 соли раҳбарӣ ба ин муассисаи асосии илмии ҷумҳурӣ академик М. С. Осимӣ симои худро ҳамчун сардари боистеъдод, ташкилотчии камназири илм ва олими барҷаста зоҳир кардааст. М. С. Осимӣ шоҳиди аксари рӯйдодҳои муҳимми таърихии замон мебошад, ки дар ҳолномаи ӯ ба таври хеле равшан инъикос ёфтаанд. М. С. Осимӣ дар пешрафт ва инкишофи ҳаёти илмию ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ нақши хеле амиқ гузоштааст. Ба туфайли ошноӣ бо тарҷумаи ҳоли ӯ бо вежагиҳои асосии таърихии ҳаёти илмию фарҳангии давраи муосири халқи тоҷик дар замони шӯравӣ ва истиқлолият ошно шудан мумкин аст. Омӯзиши шахсияти академик М. С. Осимӣ ба сифати олим, педагог-маорифпарвар ва корманди маъмурии соҳаи илму маориф барои илми таърих хеле мароқовар аст.

Арзишу аҳамияти мавзӯи таҳқиқ аз нуктаҳои зер иборатанд:

**Аввалан,** зиндагиномаи М. С. Осимӣ бо он нукта имтиёз дорад, ки ӯ ба ҳайси олим ва ходими давлативу ҷамъиятӣ мероси бое боқӣ монда, чун ташкилотчии маъруфи илм ва таҳсилоти олӣ, шахсияти баландном, маорифпарвари камназир дар пешрафти ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони Шӯравӣ ва ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон саҳми арзанда гузоштааст. Ин нукта ба таври васеъ ва густурда имкон фароҳам меорад, ки тарҷумаи ҳоли олим ба таври ҷудогона таҳқиқ гардида, дастовардҳо дар ин замина дар муҳити таърихии давлати ҷавони соҳибистиқлоли Тоҷикистон амалан татбиқ шавад. Албатта, имрӯз асарҳои ёддоштӣ ва хотираҳои ҳамкасбон, олимон ва хешу ақрабо то андозае ба фаъолияти гуногунсоҳаи олим равшанӣ меандозанд, вале онҳо паҳлӯҳои ҳаёт ва фаъолияти М. С. Осимиро муфассалан дарбар намегиранд. Бинобар ин чунин вазъ таҳқиқи доманадори корномаи М. С. Осимиро бо такя ба манбаъҳои муҳимтарини давраи фаъолияти ӯ тақозо мекунад.

**Дувум,** таҳлили даврони таҳсил ва фаъолияти солҳои қабл аз ҷанг, солҳои ҷанг ва баъди ҷангии М. С. Осимӣ собит менамояд, ки дар осори таърихии давраи шӯравӣ маълумот оид ба ӯ хеле кам фароҳам омадааст. Бинобар ин, барқарор кардани рӯйдодҳои таърихи он давра дар қаринаи ҳаёт ва фаъолияти М. С. Осимӣ аз вазифаҳои муҳимми таҳқиқоти мо маҳсуб мешавад.

**Севум,** доманаи ҷусторҳои илмӣ-таҳқиқии М. Осимиро масъалаҳои мубрам ва умдаи физика, фалсафа, табиатшиносӣ, таърихи фарҳанг, маданиятшиносӣ ва илмҳои дигари ҷамъиятӣ фаро мегирифтанд. Дар бораи аҳамияти бузурги илмию амалии асарҳои илмии ӯ дар солҳои 50-90-уми асри XX ин нукта шаҳодат медиҳад, ки то ҳол муҳаққиқони ҷавон

зимни таҳлили масъалаҳои илмҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ аз онҳо фаровон истифода мебаранд.

**Чорум,** М. Осимӣ чун олими барҷаста, ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон, дорандаи Мукофоти байналхалқии ба номи Ҷ. Неру, собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ректори Институти политехникии Тоҷикистон (алҳол Донишгоҳи техникии Тоҷикстон ба номи академик М. С. Осимӣ), вазири маорифи РСС Тоҷикистон, раиси Комитети назорати партиявӣ ва давлатӣ, котиби КМ ҲК Тоҷикистон, ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон, президенти Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, раиси ҷамъияти "Пайванд", раиси раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва ғайра мақоми баланду нотакроре дошт ва дар пешрафти ҳаёти ҷумҳурӣ нақши назаррас бозидааст.

М. С. Осимӣ бо вуҷуди даст доштан дар вазифаҳои пурмасъулияти зиёд ва иҷрои босамари корҳои хеле муҳим ба анҷом додани як силсила корҳои самарабахши илмӣ, ташкилӣ ва маъмурию ҷамъиятӣ хуб имкон ёфтааст. Ӯ дар даврае роҳбари АИ РСС Тоҷикистон буд, ки ҷумҳурӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳанг, илм ва маориф комёбиҳои барҷаста ба даст оварда буданд. М. С. Осимӣ дар сафи аввали зиёиён имкон ба харҷ додааст, ки дар рушди илму фарҳанги ҷумҳурӣ, ташаккул ва таҳкими давлатдории нави тоҷикон саҳми назаррас дошта бошад.

Фаъолияти густурдаи М. С. Осимӣ барои менеҷменти маориф ва илм аҳамияти бузурги илмӣ-назарӣ ва амалӣ дорад. Методҳои таҳқиқоти ҳозир ба ошкор сохтан ва пешниҳод кардани додаҳо дар бораи академик М. С. Осимӣ чун корманди муваффақи соҳаи идоракунӣ ва ташкилотчии илм имкон медиҳанд.

Бо вуҷуди дастрас будани маводи фаровон ва пойгоҳи назарраси таърихнигорӣ роҳи ҳаёт, афкори сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва фаъолияти давлатии М. С. Осимӣ ба таври ҷудогона таҳқиқ нашудааст. Ин амр зарурати ба вуҷуд овардани таҳқиқоти ҷамъбастиро оид ба ҳаёт ва фаъолияти М. С. Осимӣ ба миён меоварад.

**<u>Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ</u>.** Баъди пошхӯрди Шӯравӣ ва фаро расидани Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар таърихнигорӣ асарҳо дар жанри шахсиятшиносӣ (персоналистика) ҷойгоҳи хос дарёфтанд. Ба ин сабаб тарҷумаи ҳол ва корномаи академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ низ объекти таҳқиқоти таърихнигорӣ қарор гирифт.

Дар ин замина муҳаққиқон бештар ба муайян кардани ҷанбаи маъмурии (идоракунии) фаъолияти ӯ диққати хос доданд. Ба ин маънӣ, зиндагинома ва эҷодиёти академик М. С. Осимӣ ба таври махсус омӯхта нашудааст, ҳарчанд дар бораи ӯ як қатор мақолаву китобҳо дар қолаби публитсистика ба нашр расида, дар онҳо муосирон, дӯстон ва шогирдон то андозае ба баъзе ҷанбаҳои ҳаёту фаъолияти ин олими номӣ равшанӣ андохтаанд. Дар ин асарҳо ба дараҷаи муайян фаъолияти ташкилотчигӣ, педагогӣ, илмӣ ва ҷамъиятию сиёсии ӯ тавсиф шудаанд.

Таҳқиқоти илмӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти академик М. С. Осимиро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Гурӯҳи аввал асарҳои давраи шӯравӣ, ки дар онҳо фаъолияти номбурда дар асоси методологияи марксистӣ баррасӣ шуда ва ба онҳо истифодаи муқаррароти илмии шӯравӣ хос аст.

2. Ба гурӯҳи дувум асарҳои давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон дохил мешаванд. Бо ин асарҳо кӯшиши арзёбии нави нақши М. С. Осимӣ дар таърихи ҳаёти иҷтимоӣ, маориф ва илми Тоҷикистон ба харҷ дода шудаанд.

Маълумоти нахустин оид ба фаъолияти М. С. Осимӣ ба сифати президенти Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон вобаста ба масъалаи таърихи ташаккул ва тараққии илм дар кишвар дар як навиштаи худи ӯ фароҳам омадааст. Ба қалами ӯ осори нисбатан бунёдие низ мансубанд, ки дар онҳо фаъолияти таҳқиқии муассисаҳои илмӣ таҳти роҳбарии ӯ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. М. С. Осимӣ дар асарҳояш дурнамои инкишофи илм ва самарабахшии муаммоҳои илмро дар ҷумҳурӣ нишон дода, саҳми воқеии аҳли илмро дар пешрафти хоҷагии халқ тавсиф ва пайванди амиқи илмро бо истеҳсолот таъкид намудааст ва масъалаҳои дигари муҳими рушди илмро дар робита ба фаъолияти илмии АИ РСС Тоҷикистон умуман мавриди баррасӣ қарор додааст[36].

Масъалаҳои инкишофи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – солҳои 60-70-уми асри XX дар асарҳои академик З. Ш. Раҷабов[37] низ хуб инъикос ёфтаанд. Ин муаррихи варзида бо таҳлили фаъолияти муассисаҳои АИ РСС Тоҷикистон натиҷаҳои пешрафтҳои муҳимми соҳаҳои мухталифи илмро баррасӣ намуда, дастовардҳои онро дар омода кардани кадрҳои илмӣ нишон медиҳад ва бо ин фаъолияти АИ Тоҷикистонро бо сарварии М. С. Осимӣ ҷамъбаст менамояд. Аммо дар ин асарҳо комёбиҳои илмӣ ба таври умумӣ тавсиф шудаанд.

Фаъолияти президент М. С. Осимӣ дар асарҳои дастаҷамъӣ оид ба таърихи АИ РСС Тоҷикистон низ инъикос ёфтааст [38].

Муҳаққиқон Ҳ. Саидмуродов ва Г. Наврӯзов нақши раҳбарии М. С. Осимиро дар таъсиси муассисаҳои нави Академияи илмҳо, созмон додани чорабиниҳои илмии сатҳи мухталиф, баргузории конференсияҳои илмӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои илмии байналхалқӣ нишон дода дар ин замина мулоҳизаҳои муфиде баён доштаанд[39].

---

[36] Асимов М. С. К высотам культуры / М. С. Асимов // 50 лет борьбы за народное счастье. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 65; Асимов М. С. Становление и развитие советской науки в Таджикистане / М. С. Асимов // Страна гор и золотых долин. – Душанбе, 1970; Асимов М. С. Наука Советского Таджикистана / М. С. Асимов // Ленин и современная наука. – М. , 1970; Асимов М. С. От съезда к съезду / М. С. Асимов // Изв. АН Тадж. ССР. Отд. общ. наук. – 1971. – №1; Асимов М. С. Советский Таджикистан и его наука / М. С. Асимов // Наука Союза ССР. – М. , 1972; Асимов М. С. Академии наук Таджикской ССР-25 лет / М. С. Асимов // Изв. АН Тадж. ССР. Отд. общ. наук. – 1976. – №3. – С. 45-56.

[37] Раджабов З. Ш. Некоторые страницы культурной жизни Советского Таджикистана / З. Ш. Раджабов. – Москва, 1940. – С. 78–80.

[38] Наука Советского Таджикистана. – Душанбе, 1974; Академия наук Таджикской ССР. – Душанбе, 1979; Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1996. – 67 с.; Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2000. – 115 с.

[39] Саидмурадов Х. М. Наука, рожденная Октябрём / Х. М. Саидмурадов, Г. Н. Наврузов. – Душанбе, 1988. – 176 с.

Бо мақсади таҳлили ҳартарафаи фаъолияти академик М. С. Осимӣ ба нашрияҳое, ки ба ҳаёти илмии Тоҷикистон дар солҳои 60-80-уми садаи бист бахшида шудаанд, диққати хос дода шудааст. Ба туфайли ин мавод фаъолияти илмӣ-таҳқиқии Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ давра ба давра тавсиф гардидааст[40].

Омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон ва саҳми М. С. Осимӣ дар ҳалли ин масъала мавзӯи таҳқиқи М. Г. Бугаенко низ мебошад[41].

Дар арафаи таҷлили ҷашнҳои 70, 80, 85-солагии донишманди номӣ низ як қатор асарҳои илмиву оммавии аҳли илм, ҳамкасбону шогирдони соҳибҷашн ба нашр расиданд, ки дар онҳо низ баъзе ҷанбаҳои ҷолиби фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, педагогӣ, ҷамъиятию сиёсӣ ва маъмурии ӯ инъикос ёфтаанд[42].

Ба муносибати 80-солагии М. С. Осимӣ китоби арзишманди профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Усмонҷон Ғаффоров таълиф ва нашр гардид, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти номбурда аз давраи тифлӣ то охири умр таҳқиқ шудааст[43]. Муаллиф бо такя ба маълумоти шарҳиҳолии ҷолиб фаъолияти меҳнатию эҷодии ин донишманди номиро инъикос карда, нақши ӯро дар рушди илми Тоҷикистони Шӯравӣ нишон додааст.

Баробари ин хотироти ҳамсафон ва хешу ақрабои М. С. Осимӣ низ барои таҳлили нисбатан васеи фаъолияти олими маҳбуб дар садаи бист арзиши хуб доранд. Дар ин замина ду шумораи маҷаллаи илмӣ-оммавии “Эҳёи Хуҷанд”-ро бахшида ба 80-солагии академик М. Осимӣ низ бояд ёдоварӣ кард, ки мақолаҳои ҳамсафону шогирдон – У. Мирсаидов, Б. Литвинский, Ш. Рустамов, А. Турсонзод, Н. Неъматов ва дигаронро фаро мегиранд[44]. Дар маҷалла тарҷумаи ҳоли мухтасари М. Осимӣ ва силсилаи мақолаҳои нашрнашудаи ӯ манзури хонандагон гардидаанд[45] .

---

[40] Шагалов Е. Сессия «Актуальные проблемы истории национально-государственного строительства в СССР» / Е. Шагалов // Советская этнография. – 1968. – №6. – С. 136-140; Шахназаров Г. Политика сквозь призму науки / Г. Шахназаров // Коммунист. – 1976. – № 17. – С. 104-114; Ла Гума Алекс. Путешествие в Советский Союз / Алекс Ла Гума // По Советскому Союзу. – М. , 1979. – С. 48-52; Институт истории имени Ахмада Дониша /АН Тадж. ССР. Отд. общ. наук // Отв. ред. Ю. С. Мальцев. – Душанбе: Дониш, 1981. – С. 20-42; Раджабов З. Ш. Развитие науки в Таджикской ССР / З. Ш. Раджабов. – М. : Наука, 1964. – 112 с.; Раджабов З. Наука Советского Таджикистана / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1968; Раджабов З. Ш. Очерки истории культурного строительства в Таджикистане / З. Ш. Раджабов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – С. 38-40; Назаршоев Н. М. Интеллигенция Таджикистана в 1961-1985 гг. / Н. М. Назаршоев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 60 с.; Раджабов С. А. Развитие юридической науки в Таджикистане / С. А. Раджабов, М. И. Клеандров. – Душанбе: Дониш, 1986. – 112 с.; Иброхимов М. Плоды дружбы и сотрудничества / М. Иброхимов. – Душанбе: Ирфон, 198 . – 206 с.

[41] Бугаенко М. Г. Подготовка и рост численности научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации Таджикистана в годы семилетки / М. Г. Бугаенко // Известия АН Таджикской ССР. Отделение общественных наук. – 1975. – № 1 (79). – С. 18-24.

[42] Ёдномаи Муҳаммад Осимӣ. – Душанбе: Ирофон, 2000. – 120 с.; Ёдномаи устод Осимӣ (Ба истиқболи 85-солагии зодрӯз). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 427 с. Мусоҳиба бо фарҳангсолор Муҳаммад Осимӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – 380 с.

[43] Ғаффоров У. Нобиғаи айём / У. Ғаффоров. – Хуҷанд: нашриёти «Раҳим Ҷалил», 2000. – 372 с.

[44] Мирсаидов У. Слово об учителе / У. Мирсаидов // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 4-5; Литвинский Б. Штрихи воспоминаний / Б. Литвинский // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 31 - 32; Рустамов Ш. Марди хирад / Ш. Рустамов // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 22-25; Турсонзод А. Замон

Дар ҷузваи академик У. Мирсаидов бахшида ба 80-солагии ҷашни М. Осимӣ низ нуктаҳои муҳим оид ба Муҳаммад Осимӣ ҷой ёфтаанд[46]. Дар он фаъолияти илмӣ-ташкилӣ ва ҷамъиятии соҳибҷашн мухтасаран тавсиф шудааст.

Соли 2002 бо саъйи пайвандони донишманди шаҳир – Монанд ва Фирӯза Осимӣ маҷмӯае бо номи "Мусоҳиба бо фарҳангсолор Муҳаммад Осимӣ" нашр гардид, ки 58 мусоҳиба, сӯҳбат, мулоқот ва гуфтугӯи мизгирдии ин шахсияти маъруфро дар фосилаи солҳои 1970-1996 аз матбуот дар бар мегирад[47]. Дар ин китоб рухдодҳо оид ба таърихи ҳаёти илмӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, ҳамчунин фаъолияти илмӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятии Муҳаммад Осимӣ инъикос ёфтаанд.

М. С. Осимӣ аз рӯзи таъсиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони бурунмарзӣ "Пайванд" (1989) то охири умр (1996) раиси он буд. Бино бар ин дар китоби муаррихи маъруф М. Б. Бобохонов оид ба ин ҷамъият фаъолияти М. Осимӣ дар заминаи таъсиси анҷумани мазкур ва раванди гуфтушунид бо ҳамватанони хориҷӣ, бозгашти гурезагони иҷборӣ ба Ватан, ташкили ҳамоишҳои мухталифи илмӣ ва ғайра сухан рафтааст[48] .

Таҳлили таҳқиқоти мазкур исбот мекунад, ки муаллифон асосан ба ошкор сохтани ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти педагогӣ, илмӣ, роҳбарӣ, ташкилӣ ва ҷамъиятии академик М. С. Осимӣ диққат додаанд. Бо вуҷуди ин аксари асарҳо хусусияти публитсистӣ доранд. Ин амр хеле равшан ба исбот мерасонад, ки то ба ҳол таҳқиқи ҷудогонаи илмӣ дар заминаи шинохти ҷойгоҳи густурдаи акдемик Муҳаммад Осимӣ дар вусъати илму фарҳанги тоҷикон вуҷуд надорад. Дар таърихнигории ин давра асарҳое бартарӣ доранд, ки ба масъалаҳои таърихи тараққии ҷумҳурӣ равшанӣ меандозанд. Дар ин асарҳо вежагиҳои шахсияти академик М. С. Осимӣ ва нақши ӯ дар ташаккули илму фарҳанги тоҷикон диққати кофӣ дода нашудааст.

Дар маҷмӯаҳои осори Муҳаммад Осимӣ мақолаҳои муҳимтарини олим гирдоварӣ шудаанд, ки ба омӯзиши самтҳои асосии таҳқиқоти илмии ӯ имкон фароҳам меоваранд. Соли 2000 узви вобастаи АИ ҶТ Ғ. Ашуров маҷмӯаи асарҳои мунтахаби академик М. С. Осимиро тартиб дод[49]. Ба ин маҷмӯа ду асари номбурда – "Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ" ва "Материя ва тасвири физикии олам", ҳамчунин

---

табиб аст / А. Турсонзод // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 47-48; Негматов Н. Символ Ренессанса / Н. Негматов // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 22;

[45]Осимӣ М. То дарахти дӯстӣ боре диҳад / М. Осими // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 13-15; Осими М. Искусство, наука и XXI век / М. Осими // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 16; Осими М. Ҳисоботи сафари Париж / М. Осими // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 17-18; Осими М. 19 звезд Комитета / М. Осими // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 18-20; Осими М. Мухтасари тарҷумаи ҳол / М. Осими // Эҳёи Аҷам. – 2000. – №2-3. – С. 21.

[46] Мирсаидов У. Марди накӯном намирад ҳаргиз ё сухане чанд дар бораи устод Муҳаммад Осимӣ. Слово об академике М. С. Асимове / У. Мирсаидов. – Душанбе: Шарқи озод, 2000. – 26 с.

[47] Мусоҳиба бо фарҳангсолор Муҳаммад Осимӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – 380 с.

[48] Бобохонов М. Б. Таърихи мухтасари Анҷумани Пайванд (очерки таърихӣ) / М. Б. Бобохонов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 200 с.

[49]Муҳаммад Осимӣ. Осори мунтахаб / Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор - Ғаффор Ашӯров, аъзо-корреспонденти АИ ҶТ. – Душанбе, 2000. – 446 с.

як зумра мақолаҳо ворид шудаанд, ки ба масъалаҳои умдаи фалсафа ва маданиятшиносӣ ихтисос доранд.

Дар маҷмӯаи дигар, ки бо саъйи Ф. Осимӣ ва А. Самеев соли 2005 ба нашр расидааст, мақолаҳои хеле пурарзиши академик М. Осимӣ гирд оварда шудаанд. Ин мақолаҳо ба масъалаҳои мухталифи таърихи илм ихтисос дошта, ҳамзамон ақидаву мулоҳизаҳои судманди муаллифро оид ба таърихи адабиёти тоҷик, вазъи кунунии адабиёт ва масъалаҳои ҳаёти илмию адабӣ фаро мегиранд[50]. Мақолаҳои мазкур имкон медиҳанд дар бораи самтҳои фаъолияти илмии Муҳаммад Осимӣ ва саҳми ӯ ба рушди илм хулосаҳои назаррас бароварда шаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили асарҳо оид ба ҳаёт ва фаъолияти академик М. С. Осимӣ шаҳодат медиҳанд, ки то ҳол оид ба мақоми ӯ дар рушди илму фарҳанг асарҳои илмии комил таълиф нашудаанд. Бо назардошти ин нуктаи муҳим дар диссертатсия дар асоси на танҳо ёддошту хотираҳо, балки балки маводи бойгониҳо ва ҳуҷҷатҳои эътимодбахш ба ҳаёт ва фаъолияти академик Муҳаммад Осимӣ аз мавқеъҳои консептуалии нав равшанӣ андохта шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсат дар солҳои 2016-2020 дар мавзӯи “Муаммоҳои таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (аз асрҳои миёна то замони муосир)” ба иҷро расидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Дар меҳвари диссертатсия мақсади низомбандӣ, ҷамъбаст ва таҳлили фаъолияти илмӣ, маъмурӣ, педагогӣ ва ҷамъиятии академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ, ҳамчунин ошкор сохтани саҳми ӯ дар инкишофи таҳсилоти олӣ ва илми ҷумҳурӣ гузошта шудааст.

Барои ноил шудан ба ин мақсад иҷрои вазифаҳои зер дар назар аст:

– муайян кардани марҳилаҳои асосии ҳаёти Муҳаммад Осимӣ;

– мушаххас кардани мероси умумии илмӣ-таҳқиқӣ ва фаъолияти доманадори идоракунии академик М. С. Осимӣ;

– таҳқиқи ташаккули шахсияти роҳбари шӯравӣ дар соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ дар мисоли М. С. Осимӣ, тавсифи фаъолияти самарабахши ӯ ба сифати президенти АИ ҶШС Тоҷикистон;

– таҳлили фаъолияти М. С. Осимӣ ба сифати муҳаққиқ ва бозгӯи саҳми ӯ дар инкишофи донишҳои фалсафӣ, табиатшиносӣ, таърихи илм ва ғайра;

– муайян кардани мавқеи академик М. Осимӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ.

**Методҳои таҳқиқ.** Асоси методологии диссертатсияро принсипҳои умумиилмии эътимодбахшии таърихӣ, объективият, идомат ва фаҳмиши

---

[50] Муҳаммад Осимӣ - авроқи нотамом. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 402 с. .

илмии равандҳои таърихӣ ташкил медиҳанд. Омӯхтани ҳодисаҳо дар алоқаҳои мутақобилаи онҳо методи асосии таҳқиқоти илмии таърихӣ мебошад. Дар ҳалли масъалаҳои асосии таҳқиқ методҳои умумиилмӣ (типилогизатсия, тасниф, даврабандӣ), байнифаннӣ (муносибати сохторӣ-низомманд) ва таърихӣ (муаммоӣ-хронологӣ, қиёсӣ-таърихӣ, тавсифӣ) ба кор гирифта шуда, ҳодисаҳо пайдарпай тавсиф ва бо роҳи истифодаи методи тарҷумаи ҳол шарҳу маънидод гардидаанд.

**<u>Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқ</u>.** Дар диссертатсия ҳаёту фаъолияти академик М. С. Осимӣ дар ду марҳила таҳқиқ шудааст: 1) марҳилаи шаклгирии шахсият: таҳсил дар мактаб, рабфак ва муассисаи таҳсилоти олӣ, хизмат дар сафи Артиши Сурх дар ҷабҳаҳои ҶБВ (1920-1946); 2) марҳилаи ишғоли вазифаҳои роҳбарии маъмурӣ дар муассисаҳои олӣ, Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон, КМ ҲК Тоҷикистон, Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ва ҷамъияти “Пайванд” (1946-1996). Дар диссертатсия фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, илмӣ-таҳқиқӣ, роҳбарӣ ва ҷамъиятии академик М. С. Осимӣ аз соли 1930 то соли 1996 ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

**<u>Объекти таҳқиқ:</u>** Роҳи ҳаётӣ, фаъолияти меҳнатӣ, илмӣ-маъмурӣ ва ҷамъиятии академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ аз соли 1930 то соли 1996.

**<u>Предмети таҳқиқро</u>** марҳилаҳои ташаккул ва рушди кори омӯзгорӣ, эҷодӣ, маъмурӣ-идоракунӣ ва ҷамъиятию маорифпарварии М. С. Осимӣ дар соҳаҳои таҳсилоти олӣ ва илми ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд.

**<u>Навгонии илмии таҳқиқ</u>** дар нуктаҳои зерин зоҳир мегардад:

1) дар диссертатсия бори аввал дар асоси манобеи хаттӣ ва маводи бойгонӣ таҳқиқи ҳаёт ва хусусиятҳои мероси илмии академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ сурат гирифтааст;

2) бори аввал дар таърихнигорӣ фаъолияти ҳаётии М. С. Осимӣ амалан даврабандӣ шуда, марҳилаҳои ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии олим мушаххас гардидаанд;

3) саҳми назарраси М. С. Осимӣ дар инкишофи фалсафаи ватанӣ ва маданиятшиносӣ муайян шудааст;

4) мавод оид ба саҳми академик М. С. Осимӣ дар инкишофи таҳсилоти олии донишгоҳӣ ва ҳаёти илмии ҷумҳурӣ муфассалан тавсиф гардидааст;

5) фаъолияти ҷамъиятӣ-маърифатии ӯ ҷамъбаст шудааст.

**<u>Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқ</u>.** Сарчашмаҳои асосии диссертатсия ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи аввали сарчашмаҳо маводи арзишманди таърихӣ дар хазинаи Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дувуми сарчашмаҳо маҷмӯаи қарорҳои Ҳукумати РСС Тоҷикистон, маҷмӯаи асноду маводи анҷуманҳои КМ ҲК Тоҷикистон, суратҷаласаҳои бюрои ташкилотҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ, маводи конференсияҳо мансубанд.

Ба гурӯҳи севум хотироти ҳамсафон, шогирдон, ҳамкорон ва хешу ақрабои М. Осимӣ, китобу ҷузваҳои дорои хусусияти ёддоштии олимону адибон ва рӯзноманигорони дохиливу хориҷӣ дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи чоруми сарчашмаҳо маводи ВАО, пеш аз ҳама, матбуоти солҳои 1936-1996, гузоришҳои М. Осимӣ дар анҷуману конференсияҳои ҳизбӣ, асарҳои илмии (китоб, рисола, мақолаҳо) ӯ, маълумоти тарҷумаи ҳол ва варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо мансубанд.

Дар байни ин сарчашмаҳо фондҳои Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фондҳои 1360, 1369), Бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (фонди 2) ва Бойгонии давлатии вилояти Суғд (ф. 264)-ро махсусан ҷудо кардан лозим аст.

Дар фонди дувуми бойгонии АИ Тоҷикистон парвандаи шахсии Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ нигаҳдорӣ мешавад, ки дар он асноду ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи фаъолияти олим мавҷуданд. Ҳуҷҷатҳои зер манбаъҳои хеле пурқиматанд: варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо, ки онро Муҳаммад Осимӣ навиштааст, ҳуҷҷатҳо (фармон, маълумотнома, нома ва тавсифномаҳо), ки иттилои васею арзишманд оид ба марҳилаҳои муҳимтарини ҳаёт ва фаъолияти ин олим, хусусан мансаби илмӣ ва хизматии ӯро дар бар мегиранд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо дар як нусха нигоҳ дошта шуда, бинобар нусхаи асл будан дорои аҳамияти илмӣ ва таърихӣ мебошанд.

Суҳбат ва пурсиши анкетавӣ бо ҳамкасбону шогирдони академик М. С. Осимӣ – Мӯсо Диноршоев, Ғаффор Ашӯров, Ӯлмас Мирсаидов, Кароматулло Олимов, Ҳаким Ахмедов, Атахон Сайфуллоев, Усмонҷон Ғаффоров, Муҳаммад Субҳон, Туғрал Шокиров ва дигарон низ дар фаҳмишу арзёбии фаъолияти педагогӣ, илмӣ ва ҷамъиятии олим нақши калон бозиданд.

Барои таҳқиқи фаъолияти меҳнатии М. С. Осимӣ бойгонии шахсии олим ба таври васеъ истифода гардид. Ҳуҷҷатҳои бойгонии шахсии олим имкон дод, ки доир ба ин масъала нуқтаи назари худ баён шавад.

Муаллифи диссертатсия бо истифода ва баҳрамандӣ аз асарҳои М. С. Осимӣ оид ба фалсафа, таърихи илм, маданиятшиносӣ ва илмҳои дигари ҷомеашиносӣ аз хусуси фаъолияти илмӣ-таҳқиқии номбурда изҳори ақида кардааст.

Ба муомилаи илмӣ ворид сохтани силсилаи сарчашмаҳои таърихӣ ба ташаккули тасаввурот дар бораи ходими ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва олим, яке аз шахсиятҳои барҷастаи таърихи навтарини халқи тоҷик, академик М. С. Осимӣ ба таври назаррас мусоидат намуд.

**<u>Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд</u>:**

Ошкор сохтани нақши академик М. С. Осимӣ дар рушди илм, маориф ва фарҳанги Тоҷикистон ба воситаи таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти педагогӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии ӯ дар солҳои 40-90-уми қарни XX имконпазир гардид:

– Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ ҳамчун шахсият солҳои 1935-1941 – зимни таҳсил дар мактаби ибтидоии Шӯравӣ, рабфаки Хуҷанд ва Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ҳамзамон худомӯзии фаъолона ва

ширкат дар корҳои ташкилоти комсомолии ин муассисаҳо ташаккул ёфтааст;

– М. С. Осимӣ солҳои 40-50-уми садаи XX баъди хизмат дар артиш ва бозгашт аз ҷабҳаҳои ҶБВ ба вазифаҳои роҳбарӣ дар соҳаи маорифи халқ пешбарӣ шуд, ки ин амр суръатафзои мансаби маъмурии ӯ гардид. Дар соҳаи маориф ӯ худро чун шахси бомақсаду бомаром, ки мунтазам машғули худомӯзӣ аст, зоҳир кард. Дар он солҳо ӯ ба ҳайси ҷонишини ректори Институти давлати омӯзгории Ленинобод оид ба илм ва корҳои таълимӣ меҳнат мекард. Ин фаъолияти ӯ роҳро ба мансабҳои дигари маъмурӣ ҳамвор сохт;

– таҳсил дар аспирантураи Академияи илмҳои ҷамъиятшиносӣ (Москва, 1952-1955), ҳимояи диссертатсияи номзадӣ оид ба фалсафа (1955) ва ҳимояи бомуваффақияти диссертатсияи докторӣ (1970) омилҳои фаъолияти бобарори М. С. Осимӣ дар соҳаи илм гардиданд. Ба туфайли асарҳое, ки солҳои 1950-1990 таълиф шуданд, Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ дар муҳити илмӣ эътибор пайдо кард ва эътироф гардид;

– М. С. Осимӣ баъди таъйин шудан ба вазифаи ректори Институти политехникии Тоҷикистон (1956-1962) ба раванди ташаккул, рушди устувор ва инкишофи ин муассисаи таҳсилоти олӣ мусоидат кард. Аз он замон то ба имрӯз Институти политехникӣ (Донишгоҳи техникӣ) мақоми муассисаи пешбари таҳсилоти олии техникии ватанӣ (тоҷикӣ)-ро нигоҳ дошта меояд;

– Муҳаммад Осимӣ зимни фаъолият дар вазифаи вазири маорифи халқ (1962-1965) ба инкишофи ин соҳаи ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузошт;

– дар давоми фаъолияти 23-солаи раҳбарии Муҳаммад Осимӣ ба Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон (1965-1988) бисёр корҳои муҳим ба субут расида, сохтори муассисаҳои илмии он ташаккул ёфт. Бо роҳбарии ӯ ин сохторҳо таъсис ёфтаанд: Солҳои 1969-1973 – Институти математика бо маркази ҳисоббарор; соли 1975 – шӯъбаи генетикаи умумии пахта, соли 1969 Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик. Ин тадбирҳо имкон фароҳам оварданд, ки раванди ташаккули фаъолияти муассисаи асосии илмии ҷумҳурӣ – Академияи илмҳо ба охир расида, воруди он ба фазои илмии умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ таъмин гардад;

– М. С. Осимӣ ба сифати ходими ҷамъиятию сиёсӣ дар солҳои тараққии давлати шӯравӣ – солҳои 50-80-уми қарни XX ва солҳои аввали истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ зоҳир кард;

– М. С. Осимӣ дар илму фарҳанги тоҷикон шахсияти ғайриодӣ буд, бинобар ин дар кори диссертатсионӣ ба масъалаҳои вобаста бо зиддияту ихтилофҳо дар ҳаёти ӯ, рафъи онҳо, дигаргуниҳои ногаҳонию гардишҳои тақдир низ диққати хоса дода шудааст.

Ҳамин тариқ, муқаррароти асосии диссертатсия ба таҳқиқи пай дар пайи марҳилаҳои ҳаёту фаъолияти академик М. С. Осимӣ асос ёфтааст. Дар он фаъолияти маъмурӣ, илмӣ-таҳқиқӣ ва сиёсиву ҷамъиятии ӯ бозгӯ шуда, муаллиф ба бознамоии шарҳи ҳоли объективӣ ва пурраи олим имкон ёфтааст.

**<u>Аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада</u>**. Мавод ва хулосаҳои таҳқиқ ба омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои таърихи мактаби олӣ ва илми академии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муайян кардани ҷараёнҳои ҷудогонаи рушди дониши фалсафӣ, маданиятшиносӣ ва таърихи илм, таҳияи маълумотномаи биобиблиографӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқро доираи васеи мутахассисоне, ки мероси илмии файласуфон ва ҷомеашиносони ватании давраи таҳқиқро меомӯзанд, метавонанд васеъ истифода баранд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмиро муаллифи диссертатсия шахсан ба даст овардааст.

**Таъиди натиҷаҳои кор**. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суратҷаласаи №3 аз 30-юми октябри соли 2019) муҳокима шудааст. Муқаррароти асосии назарӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ, дар конференсияҳои ҳарсолаи анъанавии донишгоҳ, семинарҳои илмии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ироа гардида ва муҳокима шудаанд.

**<u>Нашрияҳо</u>.** Оид ба мавзӯи диссертатсионӣ бештар аз 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ-назариявӣ, ки ба номгӯи нашрияҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудаанд.

**<u>Сохтори кор ва ҳаҷми он</u>.** Кор дар ҳаҷми 162 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулосаҳои ҳар фасл, китобнома, хулоса, замима, руйхати ихтисорҳо, феҳрасти сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ 178 номгӯйро ташкил медиҳад иборат аст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ КОР

Дар муқаддима мубрамият ва зарурати мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ баррасӣ гардидаанд, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии он мудаллал карда шудааст. Асосҳои назарӣ ва методологии мавзӯи мавриди таҳқиқ, чаҳорчӯбаи хронологии он муайян ва пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқ тавсиф гардидааст.

Боби якум – **“Масири зиндагӣ ва фаъолияти илмии Муҳаммад Осимӣ”** – аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал – **“ Ҷустуҷӯи роҳи зиндагӣ ва ташаккули олим”** – бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ марҳилаи ибтидоии фаъолияти ҳаётии М. С. Осимӣ ва таҳсили ӯ дар мактабҳои нахустини шӯравии шаҳри Хуҷанд баррасӣ гаридидааст. Зикр шудааст, ки М. Осимӣ дар солҳои таҳсил дар мактаби Шӯравӣ узви ташкилотҳои пионерию комсомолӣ шуда буд. Ӯ шайдои илмомӯзӣ буд ва дар ин самт танҳо дар доираи худ маҳдуд нашуда, кӯшиш ба харҷ медод, ки бачаҳои дигарро низ ҷалб кунад, сарвари тамоми ҳаракати наврасон ва ҷавонони роҳи таҳсил бошад. Ӯ ба ташкили кори фоидаовари ҷамъиятӣ байни ҳамсолони худ – пионерон ва

комсомолон ташаббус мекард. Фаъолият дар ташкилотҳои пионерию комсомолӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар рӯҳи коллективизм тарбия ёбад ва муносибати сотсиалистиро ба меҳнат ва моликияти ҷамъиятӣ дар сиришташ ташаккул диҳад. Солҳои 1936-1939 Муҳаммад Осимӣ дар рабфаки Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар Хуҷанд таҳсил кардааст.

Солҳои 1937-1941 Муҳаммад Осимӣ донишҷӯи факултети физикаю математики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ буд ва пас аз хатми ин мактаби олӣ ихтисоси физикро гирифт. Метавон гуфт, ки таҳсил дар донишгоҳ барои Муҳаммад Осимии ҷавон нуқтаи мабдаъ гардид. Ӯ донишҷӯи пешқадам буд, маводи таълимиро хеле зуд азхуд мекард. Дар солҳои таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ қобилият ва малакаи таҳқиқи илмӣ ҳосил кард. Баъди хатм бо роҳхати донишгоҳ М. С. Осимӣ дар мактаби миёнаи №5-и шаҳри Самарқанд ба сифати омӯзгори физика ва математика ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намуд.

Метавон тасдиқ кард, ки М. Осимӣ аллакай дар синни бистсолагӣ таҳсилро дар рабфаки Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба охир расонида, маълумоти пурраи миёна ва олӣ ба даст овард. Ӯ на танҳо дониш андӯхт, балки дар ташкилотҳои пионерию комсомолӣ фаъолона корҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ пеш мебурд. Бомаромӣ, таҳсили аъло, фаъолияти пурвусъати ҷамъиятӣ ва узвият дар ВЛКСМ омилҳое гардиданд, ки ба ташаккули малакаҳои идоракуни ӯ мусоидат ва баъдан болоравии ӯро таъмин намуданд.

Дар фасли дувуми боби аввал – **“Фаъолияти Муҳаммад Осимӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз он”** – таҳсили М. С. Осимӣ ба сифати курсанти омӯзишгоҳи ҳарбӣ-артиллерӣ, гузаштани курсҳои кӯтоҳмӯҳлат дар омӯзишгоҳи ҳарбии Алма-Ато, хизмат дар бригадаи 29-уми алоҳидаи тирандозӣ (дар наздикии шаҳри Ленинобод ҷойгир буда ва дар доираи таълими умумии ҳатмии кори ҳарбӣ ба омода кардани ҳарбиён ба фронт машғул буд), баррасӣ шудаанд. Муҳаммад Осимӣ дар ситоди бригада хизмат мекард ва асосан аспакӣ ба баталёну ротаҳо мактубҳоро мерасонд. Бегоҳиҳо дар ситод ҳуҷҷатҳоро ба тартиб меовард.

Соли 1942 М. С. Осимиро ба омӯзишгоҳи артиллерии ш. Киев, ки мувaққатан дар деҳаи Разбойшинои назди шаҳри Саратов ҷойгир буд, ба таҳсил фиристоданд. Дар омӯзишгоҳ ӯро ёвари фармондеҳи взвод таъин карданд. Баъди як сол хоҳиши Муҳаммад Осимиро ба назар гирифта, ӯро ба фронт фиристоданд. Ӯ ба сифати фармондеҳи батарея дар полки 1294-уми артиллерӣ дар хатти Ленинградии фронт хизмат кардааст. М. С. Осимӣ дар мудофиаи Ленинград, ки бо торумори пурраи гурӯҳи қӯшуни “Север”-и немис ба итмом расид, иштирок кард[51]. Дар набардҳо Муҳаммад Осимӣ чанд бор ярадор шуда бошад ҳам, мардонавор ба батарея сарварӣ мекард. Танҳо дар як рӯз – 8-уми марти соли 1944 дар

---

[51] Соболев О. Устод Мухаммад Асимов / О. Соболев // Народная газета. – 2000. – 28 августа. – №39(19489)- С.3.

майдони набард М. Осимӣ бо ҳамроҳии ҳамхизматонаш дар шимолу ғарбии шаҳрии Псков 5 истеҳкоми оташфишони (дзот) немис, се пулемёт, ду дидбонгоҳ, ду тӯп, бештар аз 20 аскару афсарро несту нобуд кард[52]. Барои қаҳрамониаш бо орденҳои Ситораи сурх ва Ҷанги ватании дараҷаи 1, медали "Барои мудофиаи Ленинград" қадрдонӣ шудааст.

Дар давраи хизмат дар сафи Артиши Сурх соли 1945 Муҳаммад Осимӣ ба Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ қабул шуд.

Баъди анҷоми ҷанг М. Осимӣ дар Институти давлатии омӯзгории Ленинобод ба сифати ассистент, муаллим, мудири кафедраи физика ва ҷонишини ректор оид ба корҳои таълимӣ фаъолият бурдааст (солҳои 1946-1952)[53] .

Дар ин фасл фаъолияти созандаи М. С. Осимӣ ба ҳайси ҷонишини ректор оид ба таълим баррасӣ шудааст. Таҳти роҳбарии ӯ коркардҳои методии ҷолиб пешниҳод шуда, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорону профессорон тақвият ёфтанд ва ҷавонони таҳҷоӣ ба корҳои илмӣ ҷалб шуданд. Оид ба рушду таҳкими робитаҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии дигар тадбирҳо андешида шуданд. Ба устувор шудани пойгоҳи моддӣ-техникии институт диққати ҷиддӣ дода мешуд. Як қатор факултетҳо, аз ҷумла факултети таъриху филология ба бинои нав кӯчиданд, хобгоҳи донишҷӯён, лабораторияҳои нави таълимӣ, утоқҳои махсус, устохонаҳо сохта шуданд.

Рӯйдодҳои ҳаёти М. Осимӣ дар солҳои 40-уми асри ХХ вежагиҳое доранд, ки дар ёддоштҳои ӯ ва адабиёти ёддоштӣ ба назар намерасанд.

**Аввалан**, иштирок дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945 ба ӯ обутоби ҳарбӣ додааст. Ӯ солҳои ҷанг бо ба даст овардани ихтисоси ҳарбӣ дар фронти Ленинград хизмат карда, сарбаландона ва бо мардонагию ҷасорат мушкили солҳои ҷангро гузашт ва мукофотҳои аввалинашро дар ҷабҳаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ гирифтааст. Обутоби ҳарбӣ ба омӯзгору олими барҷаста шудани Муҳаммад Осимӣ мусоидат кард.

**Сониян**, М. С. Осимӣ баъди тамом шудани ҶБВ дараҷа ба дараҷа боло рафт. Соли 1946 ӯро дар соҳаи таҳсилоти олӣ ба мансабҳои баланд пешбарӣ карданд. Мудири кафедраи физика, сипас ҷонишини ректор оид ба таълими Институти давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С. М. Киров таъйин шудани Муҳаммад Осимӣ барои фаъолмандии ӯ дар ҷомеа ва эътирофи сифатҳои хуби кории ӯ таъсири назаррас расониданд. Дар рафти кор дар вазифаҳои роҳбарӣ дар ИДПЛ ба номи С. М. Киров ӯ малакаҳои ташкилотчии илму маорифи муассисаҳои таҳсилоти олиро аз худ кардааст.

Дар фасли якуми боби севум – **"Фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии М.С.Осимӣ"** мӯҳтавои корҳои илмии номбурда таҳлил шуда, саҳми назарраси ӯ дар рушди фалсафаи ватанӣ ва маданиятшиносӣ муқаррар

[52] Аҳмадов М. Ёди устод Осимӣ / М. Аҳмадов // Тирози ҷаҳон. – 2000. – 2 мая. – №36(764).

[53] К 60-летию рождения. Мухаммад Сайфиддинович Асимов – ученый, педагог, общественный деятель // Известия Академии наук Таджикской ССР. Отделение общ. наук. – 1980. – №2(100). – С. 3.

гардидааст. Дар ин фал муайян шудааст, ки ки ҳанӯз солҳои таълим дар Донишгоҳи Самарқанд ӯ бо масъалаҳои истифодаи энергияи офтоб машғул буд ва мустақилона модели дастгоҳи гармидиҳандаро кор карда, дар ин замина ба ҳимояи рисолаи дипломӣ пардохт[54]. Зимни таҳсил дар аспирантураи Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ ҲКИШ (оғози солҳои 50-уми асри XX) пажӯҳиши илмиро дар мавзӯи "Фазо ва вақт чун шаклҳои асосии ҳастии материя" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба субут расонида, онро бомуваффақият ҳимоя кард. Соли 1970 М. С. Осимӣ диссертатсияи докторӣ дар мавзӯи "Мафҳуми материя ва масъалаи воқеияти физикӣ" дар шакли маърӯза аз рӯи корҳои нашршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа бомуваффақият ҳимоя кард ва ба ӯ 15-уми январи соли 1970 дараҷаи доктори илмҳои фалсафа дода шуд.

Дар ин давра Муҳаммад Сайфиддинович ҷиддан ба корҳои зерин машғул шуд:

1) таълифи осори илмӣ, аз ҷумла рисола, ҷузва ва мақолаҳо барои маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ, бобу фаслҳои алоҳида барои асарҳои дастаҷамъӣ;

2) ташкили конференсия, ҳамоиш, машваратҳои мухталиф ва маърӯза дар кори онҳо;

3) ташкили марказҳо ва муассисаҳои (ҷузву томҳои) илмӣ ва роҳбарӣ ба онҳо;

4) таҳриру тақризи асарҳои илмӣ, суханронӣ ба сифати муқарризи расмӣ дар ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ;

5) омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар ҷумҳурӣ.

Муҳаммад Осимӣ бо вуҷуди фаъолияти серҷабҳаи раҳбарӣ дар муассисаҳои илмӣ дар бисёр соҳаҳои илм низ таҳқиқоти назаррас анҷом дода ва дар ин замина мероси арзишманду бое боқӣ гузоштааст. Ба гуфтаи файласуфи маъруф Ғ. Ашӯров "академик Муҳаммад Осимӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ дониши хеле васеъ дошт. Соҳаи шавқу рағбати илмии ӯ фалсафа, табиатшиносӣ, материализм диалектикӣ, таърих, илм, илмшиносии муосир, маданиятшиносӣ ва дигар масъалаҳои илмро дарбар мегирифт"[55].

Асарҳои ӯ оид ба таърихи фалсафа, таърихи илм, илмшиносии муосир, масъалаҳои фалсафии табиатшиносӣ бо фарогирии дониш ва умқи таҳқиқ назаррасанд. Умдатарин асарҳои ӯ китобҳои "Материя ва манзараи физикии олам" (Душанбе, 1966), "Пайдоиш ва рушди тафаккури фалсафӣ" (Душанбе, 1970), "Мафҳуми материя ва масъалаи воқеияти физикӣ" (Москва, 1970), "Материализми диалектикӣ" (Душанбе, 1974), "Интернатсионализми сотсиалистӣ ва ғанигардии мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ" (Москва, 1979) мебошанд, ки дараҷаи баланди донишу пажӯҳандагии муаллифро нишон медиханд.

---

[54] Бобоходжаев М. Факел науки / М. Бобоходжаев // Эҳи Аҷам: Нашри махсус. – 2000. – №2-3(7). – С. 44.

[55] Ашуров Ғ. Муҳаммад Осимӣ – олим, омӯзгор ва ходими ҷамъиятӣ / Ғ. Ашуров // Ёдномаи Муҳаммад Осимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2000. – С. 5.

М. С. Осимӣ дар асарҳояш марҳилаҳои асосии инкишофи афкори фалсафӣ, қонунҳои махсус ва мантиқи дохилии инкишофи тафаккури фалсафиро муайян намудааст; масъалаҳои робитаи фалсафаро бо ҳаёт муқаррар ва ҷамъбаст кардааст; ба таъйини муаммоҳои рушди илм, фарҳанг ва ҷамъият имкон ёфтааст. Дар асарҳои илмиаш Муҳаммад Сайфиддинович ба муайян кардани ҷой ва аҳамияти фалсафаи асрҳои миёнаи мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, махсусан олами эрониёну тоҷикон диққати махсус додааст. Дар асоси таҳлили низоми фалсафии намояндагони барҷастаи он – Абӯбакр Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯҳомиди Ғаззолӣ, Ибни Рушд ва дигарон М. С. Осимӣ фикру мулоҳизаҳояшро оид ба вежагиҳои инкишофи тафаккури фалсафии ин минтақа, ҷой ва мақоми он дар таърихи умумии фалсафа баён кардааст. Дониши амиқи Муҳаммад Осимӣ дар заминаи фалсафаи асримиёнагии Шарқ ба ӯ имкон дод, ки маводи таърихӣ-фалсафии омӯхтанашуда (аз ҷумла дастхатҳо)-ро ба аҳли таҳқиқ ва оммаи васеъ дастрас намуд, ки дар онҳо шарҳҳои хоси муқаддамотии масъалаҳои мубрам ва муҳими маърифати илмии муосир тарҳрезӣ гардидаанд.

М. С. Осимӣ ташкилотчӣ ва роҳбари бевоситаи таълифи асари дастаҷамъии дорои аҳамияти фавқулода бузурги фарҳангӣ ва иҷтимоӣ – “Энсиклопедияи советии тоҷик” мебошад, ки дар ҳашт муҷаллад солҳои 1978-1988 аз чоп баромадааст. Ғайр аз ин маълумотномаи энсиклопедии якҷилдаи “РСС Тоҷикистон” (ба забони русӣ) солҳои 1974 ва 1984 дар Душанбе ба нашр расид. Амалан ин аввалин китобҳои энсиклопедӣ ё доиратулмаорифи бунёдии универсалиянд, ки дар онҳо ба қадри кофию пурра ва, айни замон, мухтасар дар асоси маводи таҳлилию фактологӣ таърих, фарҳанг, илм, адабиёт ва санъати тоҷикон аз даврони қадим то солҳои 80-уми садаи XX инъикос ёфтаанд.

Тавре ки манбаъҳои китобшиносӣ шаҳодат медиҳанд, дар давоми фаъолияти эҷодиаш академик Муҳаммад Осимӣ 457 асари илмӣ таълиф ва нашр, 83 асари олими тоҷик ва хориҷиро таҳрир ва 11 китоби дарсиро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст[56].

Дар ин фасли диссертатсия фаъолияти пурвусъати ташкилии М. С. Осимӣ дар доираи Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба таҳқиқи фарҳанги Осиёи Марказӣ дар назди ЮНЕСКО ҷамъбаст шудааст. Дар доираи ин фаъолият олими машҳури тоҷик кори бевоитаи мураттабу муназзамро барои ба даст овардани дониши ҳамаҷониба оид ба таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ ба воситаи дастгирии таҳқиқи вежаи бостоншиносӣ ва таърихӣ (сарчашмашиносӣ), омӯзиши адабиёту фарҳанг ва таърихи илм, ҳамзамон донишҳо аз боби ҷанбаҳои муосири тамаддуни Осиёи Марказӣ ба роҳ мондааст.

---

[56] Субҳон М. Ҷонфидои Машриқзамин / Субҳон Муҳаммад // Тирози ҷаҳон. – 2000. – 22 сентябр. – №77(806).

Дар ин самт М. С. Осимӣ яке аз муаллифон ва муҳаррирони китоби "Таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ" мебошад, ки солҳои 1992, 1994, 1996, 1998 дар Париж чор ҷилди он бо пешгуфтори ӯ нашр шуд[57].

М. С. Осимӣ узви Барномаи байналхалқии ЮНЕСКО оид ба омӯзиши Шоҳроҳи абрешим, узви ҳайати мушовараи маҷаллаи илмии "Осиёи Марказӣ" (нашрияи Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба омӯзиши фарҳанги Осиёи Марказӣ, ки дар Покистон ба забони англисӣ чоп мешуд) ба ҳисоб мерафт. Ғайр аз ин, М. С. Осимӣ узви ҳайати таҳрири маҷаллаҳои "Таърихи илм" (Ҳиндустон), "Таърихи илми арабӣ" (Сурия) ва дигар нашрияҳои илмии муътабари байналхалқӣ будааст.

Ҳамин тариқ, ҷустуҷӯ ва шавқу мароқи М. С. Осимӣ бо самтҳои асосии рушди фалсафа ва ҷомеашиносии ватанӣ созгор буданд. Ӯ ҳама вақт дар мубоҳисаву музокироти илмӣ фаъолона ширкат мекард, аҳли сӯҳбатро бо фазилат ва дониши амиқ дар масъалаҳои асосии илму адаб ва фарҳанг ба ҳайрат меовард. Ӯ чунин мешуморид, ки аслиҳаи асосии инсон, хоса олим дониши амиқи ҳамаҷониба ва мантиқи бенуқсон аст.

Боби дувум – **"Муҳаммад Осимӣ ҳамчун ташаббускор дар соҳаи илму маорифи Тоҷикистон"** – аз се фасл иборат буда, дар он фаъолияти номбурда ба сифати ректори Институти политехникии Тоҷикистон, вазири маорифи РСС Тоҷикистон ва президенти АИ РСС Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлил шудаат. Ҳамчунин дар асоси манбаъҳои мухталиф фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии олим, ташкилотчии илму маориф будани ӯ баррасӣ гардидааст.

Дар фасли якуми боби дувум – **"Саҳми М. С.Осимӣ дар таъсис ва ташаккули Институти политехники Тоҷикистон"** – солҳои ректорӣ дар Институти политехникии Тоҷикистон (Сталинобод) таҳлил шудааст. Ӯ дар давоми шаш сол – аз соли 1956 то соли 1962 роҳбари ин муассисаи таҳсилоти олӣ буд. Фаъолияти бомуваффақияти М. С. Осимӣ ба рушди ИПТ мусоидат кард. Мақсади меҳварии сиёсати маъмурӣ дар солҳои ректор будани М. С. Осимӣ фароҳам овардани шароит барои рушди институт, таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-кадрии аввалин муассисаи таҳсилоти олии техникии ҷумҳурӣ буд.

М. С. Осимӣ ба пойдор сохтани вазъияти Институти политехникии Тоҷикистон дар низоми мактаби олии СССР диққати аввалиндараҷа дода, барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зеринро муайян кард ва дар назди худ гузошт:

Якум, амалӣ гардонидани ислоҳоти сохтории институт бо мақсади оптимизатсияи фаъолияти таълимию илмӣ;

Дувум, баланд бардоштани мушаххасоти миқдорию сифатии таркиби кадрии институт;

Севум, ба таври назаррас беҳтар кардани пойгоҳи моддии институт ва зиёд кардани воридоти маблағҳои буҷетӣ;

[57] Шарифов Ш. Муҳаммад Осимӣ ва ЮНЕСКО / Ш. Шарифов // Тирози ҷаҳон. – 2000. – 26 сентябр.

Чорум, тарғибу ташвиқи фаъолияти худии илмии институт ва бо комёбиҳои олимони мактаби олӣ шинос кардани ҷомеаи ҷумҳурӣ;

Панҷум, ба роҳ мондани ҳамкории судманди умумииттифоқиву байналхалқии институт.

Давраҳои роҳбарии М. С. Осимӣ ба Институти политехникии Тоҷикистон ба оптимизатсияи фаъолияти илмию таълимӣ диққати хос дода шуда, ин амр бо роҳи дигаргуниҳои сохторӣ амалӣ мегардид. Бо ташаббуси бевоситаи ӯ дар институт факултетҳо ва кафедраҳои нав аз рӯи ихтисосҳои донишкада созмон ёфтанд.

Дар ин фасл қиёси нишондиҳандаҳо оид ба ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти донишгоҳ – кадрҳо, контингенти донишҷӯён, кори таълимӣ, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, пойгоҳи таълимӣ-моддӣ сурат гирифтааст. Дар ҳамаи ҷанбаҳои номбурда комёбиҳои шоён ба даст оварда шуданд.

Масалан, агар дар соли якуми роҳбарии М. С. Осимӣ (соли 1956) дар институт 200 нафар[58] донишҷӯён таҳсил кунанд, соли таҳсили 1960-1961 ин нишондиҳанда ба 1294 нафар расид, ки аз онҳо 950 нафар дар шӯъбаи рӯзона, 187 нафар дар шӯъбаи шабона, 147 донишҷӯ дар шӯъбаи ғоибона мехонданд[59]. Дар соли таъсиси ИПТ ҷадвали штатӣ бо теъдоди зери кормандон тасдиқ шуда буд: профессор – 1, дотсент – 9, саромӯзгор – 8; ҳайати профессорону омӯзгорон: профессори кафедраҳо – 10, дотсенти кафедраҳо – 23, саромӯзгор – 15, омӯзгор (ассистент) – 8. Миқдори умумии аъзои ҳайати профессорону омӯзгорон 74 нафарро ташкил медод[60]. Минбаъд баробари афзоиши контингенти донишҷӯён ҳайати омӯзгорон низ сифатан тағйир ёфт.

Давраи кор дар вазифаи ректори ИПТ марҳилаи ибтидоии кори М. С. Осимӣ чун маъмур мебошад. Ӯ ректори матину суботкор буд ва қобилияти ташкил кардани фаъолияти илмию таълимии институтро дар сатҳи баланд дошт. Маҳз дар давраи роҳбарии ӯ ба ИПТ имкони рушди конструктивӣ фароҳам омад. Факултету шӯъба (ихтисос) ва кафедраҳо, лабораторияҳои таълимӣ-илмӣ ва дигар ҷузву томҳои нав таъсис ёфтанд, ки ба ташкили фаъолияти комилиёри илмӣ-таълимӣ ва тарбиявии институт мусоидат карданд. Мутаносибан барои беҳтар кардани таҷҳизоти институт ва таҳкими пойгоҳи моддиву техникии он тадбирҳо андешида шуданд.

Дар фасли дувуми боби дувум **“Фаъолияти ташкилӣ – илмии М. С. Осимӣ дар вазифаи Вазири маорифи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон”** баррасӣ шудааст. Фаъолияти ӯ дар ин самт ба татбиқ ва амалӣ гардонидани таҷдиди ташкилоти мактабҳои ҳафтсола ба мактабҳои ҳаштсола, ҳамчунин мактабҳои миёнаи даҳсола ба мактабҳои умумитаълимотии меҳнатии политехникии ёздаҳсола бо таълими истеҳсолот рост омадааст. Дар Тоҷикистон ба нақшагирии контингенти мактаб тибқи дурнамои рушди иқтисодии ҳар шаҳру ноҳия диққати махсус дода мешуд.

---

[58] ЦГА РТ. – Дело 1639. – Оп. 1. – л. 2

[59] ЦГА РТ. –1639. – Ф. 1. – Оп. 1. – д. 3. – л. 89

[60] БМД ҶТ. – П. 1639. – Х. 1. – Р. 1. д. 40. – в. 73.

М. С. Осимӣ корҳои ташкилии таъсиси мактабҳои умумитаълимии шабона (бастнок, мавсимӣ)-ро, ки бояд ба ҷавонони машғули кор дар хоҷагии халқ маълумоти ҳаштсола ва маълумоти миёна медоданд, дар зимма дошт. Дар ин фасл масъалаҳо оид ба талошҳои М. С. Осимӣ барои тавсеаи шабакаи мактаб-интернатҳо ва васеъ ҷорӣ шудани мактаб ва гурӯҳҳои рӯзаш бардавом таҳлил шудаанд.

Дар бораи кори самарабахши М. С. Осимӣ ба сифати вазири маориф санадҳои зерин шаҳодат медиҳанд: дар ҷумҳурӣ контингенти хонандагон тадриҷан зиёд мегардид. Масалан, агар соли таҳсили 1959/60 теъдоди хонандагон 483,2 ҳаз. нафар бошад, соли таҳсили 1965/66 ин нишондиҳанда ба 721,0 ҳазор нафар расид, яъне 44,9% афзуд.

Ба туфайли ҷидду ҷаҳди Муҳаммад Осимӣ дарбаргирии духтарони миллати таҳҷоӣ бо таҳсил низ назаррас тағйир ёфт. Агар соли таҳсили 1960/61 дар синфҳои I-IX мактабҳои умумитаълимотии (рӯзонаи) Тоҷикистон 166,3 ҳазор духтарон бо таҳсил фаро гирифта шуда бошанд, дар соли хониши 1963/64 нишондиҳандаи мазкур 219,4 ҳазор нафарро ташкил кард, ки мутаносибан ба шумораи умумии хонандагон 45,2% ва 46,6% буд[61].

Дар мактбаҳои ҷумҳурӣ нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои нав тартиб дода шуданд. Нақшаву барномаҳои нав дар асоси принсипи пешбари мактаби Шӯравӣ – алоқаи зичи таълим бо ҳаёт, меҳнат, амалияи сохтмони коммунистӣ таҳия шуда буданд.

Дар диссертатсия нақши М. С. Осимӣ дар таъмини мактабҳо бо кадрҳои педагогӣ, ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникӣ муайян карда шудааст.

Фасли севуми боби дувум – **“Муҳаммад Осимӣ дар вазифаи президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон”** ба таҳлилу ҷамъбасти маълумот оид ба фаъолияти гуногунҷабҳаи ташкилии донишманди маъруф дар Академияи илмҳои Тоҷикистон (солҳои 1965-1988) бахшида шудааст. М. С. Осимӣ воқеан идомадиҳандаи анъанаҳои мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик буд. Дар давоми 23 соли роҳбарӣ ба Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ӯ дар бобати ба роҳ мондани кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ, таъсиси муассисаҳои нави илмӣ, амалигардонии алоқаи илм бо истеҳсолот, муқаррар намудании робитаҳои зичи илмӣ бо олимон ва муассисаҳои илмии дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ кори хеле зиёди созандаро ба субут расонидааст.

М. С. Осимӣ ба ҳамоҳангсозии самтҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар пажӯҳишгоҳҳои АИ РСС Тоҷикистон диққати махсус медод. Нерӯҳои илмӣ ва воситаҳои моддиро ба таҳқиқоти бунёдӣ, дар хоҷагии халқ ҷорӣ намудании натиҷаҳо ва комёбиҳои илм мутамаркиз месохт[62] .

---

[61] Шукуров М. Р. Культурная жизнь Таджикистана в перисд развитого социализма / М. Р. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 21.

[62] Соболев О. Устод Мухаммад Асимов / О. Соболев // Народная газета. – 2000. – 28 август. – №39(19489).

Таҳти роҳбарии М. С. Осимӣ ташаккулдиҳии сохтории Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон идома ёфт. Ӯ аз иҷрои ҳамаи корҳои ташкилӣ (омодасозии ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳалли масъалаҳои молиявӣ, хоҷагӣ ва кадрӣ) оид ба таъсиси муассисаҳои нави Академияи илмҳо хуб баромад. Бо ташаббуси Муҳаммад Осимӣ дар мӯҳлати кӯтоҳ шабакаи васеи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқӣ ба вуҷуд омад: Институти физиология ва биофизикаи рустанӣ (1965), Институти физика ва математикаи ба номи академик С. Умаров (1967), Институти биологии Помир (1969), Институти шарқшиносӣ (1970), Институти математика бо маркази ҳисоббарор (1973), шӯъбаи генетикаи умумии пахта (1975) ва ғайра. Дар ҳайати институтҳои алоҳидаи илмӣ-таҳқиқӣ низ дигаргуниҳо ба амал омаданд. Дар сохтории Институти математика бо МҲ шуъбаҳои муодилаҳои физикаи математикӣ (1973), муодилаҳо дар ҳосилаи хусусӣ (1973), математикаи амалӣ (1973), математикаи ҳисоббарор (1973), гидромеханика (1973), таърихи функсияҳо (1975), ҳамчунин баробари ин лабораторияҳои кибернетикаи техникӣ; низомҳои автоматии коркарди таҳқиқоти илмӣ ва ғайра ташкил шуданд. Ташкили бахши физикаи назарӣ (1967), ҳамзамон лабораторяҳои таҳлили активатсионӣ (1966), электроникаи квантӣ (1971), криогенӣ (1972), оптоакустика (1976) дар назди Институти физикаю техника, созмон додани лабораторияҳои геохимия ва химияи аналитикӣ (1966), маводи хусусии фторидӣ (1968), фармокология (1969), плазмохимия (1970) ва гидридҳои ғайриорганикӣ (1968) дар назди Институти химияи ба номи В. И. Никитин ва ғайра низ доираи нуфузи М. С. Осимиро хеле баланд бардошт. [63]

Дар ин фасл фаъолияти ҳамаи ҷузву томҳои Академияи илмҳо ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Саҳми Муҳаммад Осимӣ барои рушди фаъолияти таҳқиқии олимони ҷамъиятшинос, муаррихон, филологҳо, шарқшиносон, физикҳо, математикҳо, химикҳо, геологҳо, сейсмологҳо, ботаникҳо ва дигар соҳаҳои илм ба таври қаноатбахш муайян карда шудааст.

Дар замони роҳбарӣ ба Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Муҳаммад Осимӣ ба густариши ҳамкории илмии байналхалқӣ бо марказҳои илмии пешбари мамлакатҳои хориҷӣ диққати махсус медод. Шаклҳои ҳамкорӣ гуногун буд: анҷом додани таҳқиқи илмии муштарак, ширкат дар форумҳои илмии байналхалқӣ, омодасозии муштарак ва нашри асарҳои илмӣ, мубодилаи адабиёти илмӣ, муросилаи шахсии олимон ва ғайра.

Дар беш аз 20 соли сарварӣ ба АИ Тоҷикистон академик М. Осимӣ борҳо дар конференсияву симпозиумҳои байналхалқӣ, чорабиниҳои ҷашнӣ ва дигар чорабинӣ ҳам дар ҳайати намояндагони илмии АИ СССР ва ҳам ба ҳайси роҳбари ҳайати вакилони шӯравӣ, ҳамчунин ба воситаҳои дигар ширкат варзидааст. Суханрониҳои олимонаи пайвастаи ӯ дар форумҳои бонуфузи илмӣ ба афзудани обрӯву эътибори илми тоҷик ва шӯҳрати илми тоҷик мусоидат кардааст.

---

[63] Академия наук Таджикской ССР. – Душанбе: Дониш, 1979. – С. 103.

Муҳаммад Осимӣ ба бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла Канада (1967), Непал (1968), Фаронса (1969), Булғористон (1970), Австрия, Руминия, Ҳиндустон (1971), Ҷопон ва Муғулистон (1975), Куба (1977), Лубнон, ҶДА (1983), Швейсария (1984), Италия, Канада, ИМА (1985) сафарҳо карда, чеҳраи худро ҳамчун олими намоён ва намояндаи бонуфузи илми тоҷику шӯравӣ нишон додааст.

М. С. Осимӣ ба сифати роҳбари Академияи илмҳо фаъолияти худро мунтазам тавсеа дода, ба таъсиси пажӯҳишгоҳҳо, лабораторияҳо, барқарор кардани робитаҳо бо марказҳои пешбари илмии СССР ва хориҷа саҳми бесобиқа гузоштааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ соҳаҳои илмҳои бунёдӣ ва амалӣ коркард мешуданд ва, ба ин васила, иқтидори илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёфт.

Муҳаммад Осимӣ хислатҳои инфиродии бисёр узвҳои академияро медонист, бо маҳорати хоса ғояҳоеро ба онҳо талқин мекард, ки ба ҷидду ҷаҳди онҳо мувофиқати том дошта бошанд. Ба ӯ хоксории худодод хос буд. Бештар шудани ҳусни таваҷҷӯҳи махсусро ба худаш намеписандид, шахси хеле одӣ ва дастрас буд.

Боби севуми кор **“Фаъолияти ҷамъиятии Муҳаммад Осимӣ”** ном дошта, ба таҳлилу ҷамъбасти мавод оид ба фаъолияти гуногунпаҳлӯи илмӣ-таҳқиқӣ ва ҷомеашиносии олим бахшида шудааст.

Дар фасли якуми боби севум – **“Фаъолияти ҷамъиятӣ – маърифатии Муҳаммад Осимӣ ва аҳамияти он барои Тоҷикистон”** – дар асоси маводи бойгонӣ ва асарҳои илмӣ фаъолияти бисёрҷанбаи сиёсию ҷамъиятии академик М.С.Осимӣ таҳлил карда шудааст. Академик М.С.Осимӣ ба фаъолияти чунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз қабили раёсати Ҷамъияти “Дониш”-и ҶШС Тоҷикистон, Шӯрои илмию методӣ оид ба тарбияи интернатсионалӣ, Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷии Тоҷикистон, Шӯъбаи Иттиҳодияи миллии шӯравӣ оид ба таърихи табиатшиносӣ ва техника ва ғайра роҳбарӣ мекард. Ӯ дар кори комиссияи АИ оид ба анъанаю расму русум, Ассотсиатсияи умумииттифоқии шарқшиносон, Раёсати Ҷамъияти фалсафии ИҶШС фаъолона иштирок мекард, раиси Комиссия оид ба мубодилаи байналхалқии китоб, Комиссияи намоишии АИ ҷумҳурӣ, Шӯрои илмӣ оид ба масъалаҳои ҷараёнҳои идеологии хориҷӣ, раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра буд.

М.С.Осимӣ дар таҳияи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолона иштирок мекард.

Дар ин фасл фаъолияти М.С.Осимӣ дар Раёсати ҷамъияти “Дониш”-и ҶШС Тоҷикистон, ҷузъи сохтории он дар назди АИ ҶШС Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифааст. Қайд шудааст, ки дар охири солҳои 70-ум ташкилоти Ҷамъияти “Дониш”-и Академияи илмҳо 19 ташкилоти ибтидоии муассисаҳои илмиро муттаҳид меосхт ва бештар

аз 600 узв, аз ҷумла 465 мард ва 162 зан, 28 академику узви вобастаи АИ ҶШС Тоҷикистон, 42 доктор ва 337 номзади илм дошт[64].

Дар диссертатсия саҳми М.С.Осимӣ дар таъсис ва ба роҳ мондани кори сарредаксияи энсиклопедияи советии тоҷик баррасӣ шудааст. Ӯ ба кори ЭСТ хеле оқилона роҳбарӣ мекард: олимони маъруфро ба таълифи мақолаҳо ва таҳрири мавод ҷалб менамуд.

Муҳаммад Осимӣ корҳои ҷамъиятиро махсусан баъди аз вазифаи президенти АИ Тоҷикистон (1988) рафтан хеле фаъолона пеш мебурд. Ӯ эълони истиқлолияти ҷумҳуриро бо рӯҳбаландии бепоён истиқбол кард, дар коркарди Парчаму Нишони Тоҷикистони соҳибистиқлол ширкат варзид.

Дар фасли дуввуми боби севум **«Фаъолияти М.С. Осимӣ дар ташкилоти байналхалқии ЮНЕСКО »** кору фаъолияти Муҳаммад Осимӣ дар доираи ЮНЕСКО таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар фасли мазкури диссертатсия фаъолияти пурвусъати ташкилотчигии академик М.С.Осимӣ дар доираи Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба таҳқиқи фарҳанги Осиёи Марказӣ дар назди ЮНЕСКО (1977-1996)[65] ҷамъбаст карда шудааст. Дар доираи ин ташкилот олим кори мураттабу муназзамро барои ба даст овардани дониши ҳамаҷониба дар бораи тамаддунҳои Осиёи Марказӣ тавассути дастгирии таҳқиқоти бостоншиносӣ ва таърихӣ (сарчашмашиносӣ), омӯзиши адабиёт ва таърихи илм, ҳамчунин донишҳо дар бобати ҷанбаҳои муосири тамаддунҳои Осиёи Марказӣ ба роҳ монд.

М.С.Осимӣ яке аз муаллифон ва муҳаррирони китоби “Таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ” мебошад. Солҳои 1992, 1994, 1996, 1998 дар Порис чор ҷилди китоби мазкур бо пешгуфтори М.С.Осимӣ аз чоп баромад .

М.С.Осимӣ узви Барномаи байналхалқии ЮНЕСКО оид ба омӯзиши Шоҳроҳи абрешим, узви ҳайати мушовараи маҷаллаи илмии “Осиёи Марказӣ” (маҷалла нашрияи Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба омӯзиши фарҳанги Осиёи Марказӣ буда, дар Покистон ба забони англисӣ чоп мешуд) буд. Ғайр аз ин, М.С.Осимӣ узви ҳайати таҳрири маҷаллаҳои “Таърихи илм” (Ҳиндустон), “Таърихи илми арабӣ” (Сурия) ва дигар нашрияҳои илмии муътабари байналхалқӣ буд.

Бо ташаббуси М.С. Осимӣ тахти роҳбарии Н. Неъматов дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Маркази тадқиқоти гуманитарии ЮНЕСКО моҳи августи соли 1996 ба фаъолият шурӯъ намуд[66].

[64] Академия наук Таджикской ССР. - Душанбе: Дониш, 1979. - С.258.

[65] Турсон Акбар. Барномаи ЮНЕСКО доир ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ: Нақши ташкилии Бобоҷон Ғафуров ва Муҳаммад Осимӣ// Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - №1/1(258). – 2020.- С.44-63.; Неъматов Н. Абдуллоев С. Осимов М.С. ва ЮНЕСКО // Академик Муҳаммад Осимӣ ва омӯзиши масоили тамаддуни Осиёи Марказӣ (Мураттиб ва муҳаррири масъул Аскаралӣ Раҷабов). – Душанбе, 2020. – С. 374-383.

[66] 80 зинаи камолот /Мураттибон Бобокалонов А., Холҷӯраев Х., Шарипов Ш. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. –С.551.

Дар фасли севуми боби 3 “**М.С. Осимӣ – асосгузори ҷамъияти тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон «Пайванд»**”.

Академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ дар чорабиниҳо оид ба таъсиси Ҷамъияти тоҷикони ҷаҳон “Пайванд” фаъолона иштирок кардааст. Ӯ раиси Ҷамъияти “Пайванд”(1989-1996) интихоб шуда буд. Вазифаи ин ташкилоти ҷамъиятӣ сарҷамъ сохтани намояндагони халқи тоҷик дар ҳамаи дунё, омӯзиши ҷуғрофиёи паҳншавии тоҷикон дар тамоми олам, ба роҳ мондани робитаҳои фарҳангӣ бо ҳамватанони хориҷӣ, расонидани ёрӣ ба ҳамватанон дар ҷустуҷӯи хешу ақрабои гумшуда, дӯстон ва ба Ватан баргардондани гурезагони тоҷик ва ғайра буд.

Ба туфайли фаъолияти хастанопазири Муҳаммад Осимӣ ба сифати раиси Ҷамъияти “Пайванд” дар мамлакатҳои хориҷаи дур 11 маркази фарҳангии диаспораи тоҷикон, дар ҳудуди давлатҳои хориҷии наздик бошад, пеш аз ҳама дар ИДМ шаш маркази фарҳангӣ ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар давоми солҳои 1991-1996 Ҷамъияти “Пайванд” бештар аз 40 ҳайати намояндагони ҳамватанонро (қариб 1000 намояндаи илму фарҳанг ва доираҳои савдою саноатро) аз 20 мамлакати ҷаҳон қабул кард. Бо мусоидати ҷамъияти “Пайванд” бештар аз 160 ҳамватанони хориҷӣ дар Тоҷикистон хешу ақрабояшонро ёфтанд, Анҷуман (форум)-ҳо ва ҳамоишҳои илмӣ баргузор гаштанд.

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар диссертатсия таҳлили таърихӣ-илмии ҳаёт ва фаъолияти ташкилотчии таҳсилоти олӣ ва илми бунёдии Тоҷикистон, олими маъруфи тоҷик, академик, файласуф, ҷомеашинос, маданиятшинос Муҳаммад Осимӣ (1920-1996) амалӣ шудааст. Бозгӯи густурдаи шахсияти олим ва арзёбии зарурии бартарии илмӣ, фаъолияти маъмурӣ-ҷамъиятӣ ва мероси илмии ӯ дар асоси ба муомилаи илмӣ ворид кардани манбаъҳои нави адабӣ ва маводи Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе), ҳамчунин нашрҳои ҷашнии маҷмӯаи маводи ИПТ, АИ ҶШС Тоҷикистон сурат гирифтааст [1-М].

2. Муқаррар гардид, ки Муҳаммад Осимӣ чун олим, ходими сиёсию ҷамъиятӣ дар солҳои 40-60-уми садаи XX ташаккул ёфтааст. Маҳз дар ҳамин давра ҷаҳонбинии илмии ӯ шакл гирифтааст. Ба ҳаёти эҷодии ӯ рухдодҳои марҳилаи ташаккул ва гулгулшукуфии мактаби шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ, таҳсили олии ватанӣ ва илми фалсафаи шӯравӣ таъсири назаррас гузоштаанд. Ӯ ба туфайли ҳидоятҳои омӯзгорон дар рабфаки шаҳри Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи А. Навоӣ, аспирантураи Академияи илмҳои ҷомеашиносӣ дар шаҳри Москва ва ғайра тарбия ва ташаккул ёфтааст. Қобилияти ғайриодии муҳаққиқ – файласуф, маданиятшинос, меҳнатдӯстӣ ва ҳадафмандӣ боиси комёбиҳои ӯ дар арсаи илм ва фаъолияти маъмурӣ дар мактаби олӣ ва илми академӣ

гардиданд. М. С. Осимӣ муаллифи бештар аз 300 асари илмӣ мебошад. Дар асарҳои ӯ, пеш аз ҳама, дар рисолаҳои бунёдӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ воқеаҳои таърихи илми фалсафа ва ҷамъиятшиносии ватанӣ ба таври объективӣ таҷассум ёфтаанд [1-М].

3. Дар диссертатсия бори аввал ҳаёт ва фаъолияти Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ дар асоси даврабандии зерин тавсиф гардидааст: 1) солҳои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилотии шӯравӣ (дар мактаби ибтидоӣ, факултети коргарии назди Донишкадаи кишоварзии Хуҷанд, Донишкадаи омӯзгории Самарқанд), ки бо фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ дар ташкилотҳои пионерӣ ва комсомолӣ тавъам буд (1927-1941); 2) хизмати ҳарбӣ дар Артиши Сурх ва иштирок дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945); 3) кор ба сифати омӯзгор, мудири кафедра, ҷонишини директор оид ба таълим дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Ленинобод, таҳсил дар аспирантура, сарварӣ ба Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (солҳои 1956-1962); 4) фаъолияти маъмурӣ-идоракунӣ дар вазифаҳои вазири маорифи РСС Тоҷикистон, раиси Комитети назорати халқ, котиби КМ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ (солҳои 1862-1865); 5) фаъолият ба сифати президенти Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, сармуҳаррири Сарредаксияи илмии ЭСТ (1965-1988) ва кори ҷамъиятӣ дар муассисаҳои мухталиф (ташкилотҳои ҷамъиятии миқёси ҷумҳурӣ), аз ҷумла Ҷамъияти робитаҳои фарҳангӣ бо ҳамватанони хориҷӣ «Пайванд» (солҳои 1989-1996) [1-М].

4. Равшан шуд, ки Муҳаммад Осимӣ бо истеъдоди ташкилотчигии таҳсилоти олӣ мумтоз буд ва ин истеъдоди ӯ дар намунаи сарвариаш дар Институти политехникии Тоҷикистон зоҳир гардид. Ӯ дар тарбияи садҳо хонандагон ва насли бузурги олимон саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ чун омӯзгор ба донишҷӯён аз фалсафа лексия мехонд. Ҳангоми хондани лексияҳо ӯ масъалаҳоро дар асоси муносибати амиқи илмӣ ва далелҳои эътимодбахш бозкушоӣ мекард, ба лексияҳои ӯ вусъати андешаву назар ба масъала хос буд. Дар осори ӯ самтҳои асосии инкишофи Донишкадаи политехникии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти ин муассиса дар солҳои 1956-1962 (солҳои роҳбарии Муҳаммад Осимӣ) муайян гардидаанд. Бо роҳи муқоиса нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба кадр, контингенти донишҷӯён, кори таълимӣ, фаъолияти илмӣ-таҳқиқӣ ва пойгоҳи таълимӣ-моддӣ таҳлил шудаанд [2-М].

Фаъолият дар вазифаи директори ДПТ оғози ҳаракати Муҳаммад Осимӣ ба қуллаҳои кори маъмурӣ гардид. Хусусиятҳои фарқкунандаи роҳбарии ӯ ҳадафмандӣ, суботкорӣ ва қобилияти махсуси ташкили фаъолияти илмӣ-таълимии донишкада дар сатҳи баланд мебошанд. Рушди сохтории ДПТ дар давраи роҳбарии М. С. Осимӣ шурӯъ гардид. Фаъолияти комилиёри илмӣ-таълимӣ ва тарбиявии донишкада ба туфайли таъсиси факултет, шӯъбаҳо (ихтисосҳо) ва кафедраҳои нав, лабораторияҳои таълимию илмӣ ва дигар ҷузву томҳо ба роҳ монда шуд. Масъалаҳои таъмини кадрии донишкада ва таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникии он бо муваффақият ҳаллу фасл гардиданд [2-М].

5. Фаъолияти илмӣ-таҳқиқии М. С. Осимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта ва саҳми ӯ дар инкишофи фалсафа ва маданиятшиносии ватанӣ муайян гардид. Дар аввал ӯ ба таҳқиқи масъалаҳои фалсафии материя ва манзараи физикии олам шуғл варзидааст. Ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия, ки заминаи таҳқиқоти сершумори минбаъдаи Муҳаммад Осимӣ гардиданд, натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмии ибтидоии олим мебошанд. Дар таҳқиқи масъалаҳои фалсафа М. С. Осимӣ хеле фаъол буд. Асарҳои ӯ дар нашрияҳои мухталиф чоп мешуданд, дар конференсия ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ маърӯзаҳо мекард [5-М].

Минбаъд Муҳаммад Осимӣ оид ба масъалаҳои мухталифи фалсафа, физика, маданиятшиносӣ ва таърихи илм таҳқиқи илмӣ анҷом додааст. Ӯ муаллифи рисолаҳои «Материя ва манзараи физикии олам» (1966), «Пайдоиш ва рушди тафаккури фалсафӣ (1970) ва «Материлизми диалектикӣ» (1974) мебошад. Ғайр аз ин олим бо фаъолияти тарҷумонӣ низ машғул буд. Ба калами ӯ тарҷумаи осори классикони фалсафаи ҷаҳон (асрҳои XIX-XX) «Анти-Дюринг»-и Фридрих Энгелс, «Дафтарҳои фалсафӣ» ва «Материализм ва эмпириокрититсизм»-и В. И. Ленин, ҳамчунин як қатор китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба фалсафа ва физика ва ғайра тааллуқ доранд [5-М].

6. Муайян гардид, ки М. С. Осимӣ 23 сол (1965-1988) ба Академияи илмҳои Тоҷикистон роҳбарӣ кардааст. Агар дар давраи сарварии хеле кӯтоҳмуддати С. У. Умаров бунёди заминаҳои қавии сохторию кадрии Академияи илмҳо гузошта шуда бошад, дар давраи М. С. Осимӣ таъсис ва ислоҳоти сохтории муассисаҳои илмӣ сурат гирифтааст: Институти биологии Помир (1969), Институти шарқшиносӣ (1970), Институти математика бо маркази ҳисоббарор (1973), Шуъбаи генетикаи умумии пахта (1975). Бунёди Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик (1969) ва тадбирҳои дигар боиси ташаккул ва ба эътидол омадани кору фаъолияти Академияи илмҳо ва эътирофи он чун маркази пешбари илмӣ дар миқёси умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ гардид. Ба туфайли ин тадбирҳо Душанбе ба маркази нерӯманди илмии Тоҷикистон табдил ёфт, ки дар он ҷо як қатор марказҳои пешбари илмии соҳавӣ ташаккул ёфтанд [1-М].

Ҳамзамон М. С. Осимӣ баробари фаъолият дар вазифаи президенти АИ ҶШС Тоҷикистон як қатор ӯҳдадориҳои иловагии дигарро низ бар зимма дошт. Ӯ сармуҳаррири Энсиклопедияи советии тоҷик (ЭСТ), раиси ҷамъияти «Дониш»-и ҶШС Тоҷикистон, раиси Комитети ҷумҳуриявӣ оид ба дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, раиси Комитети С. Айнӣ, раиси Комитети истилоҳоти назди раёсати АИ ҶШС Тоҷикистон, раиси Шӯрои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳамоҳангсозии тадқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ ва ғайра буд. Ӯ ҳамчунин узви як қатор шӯроҳои ҳамоҳангсозии иттифоқӣ ва минтақавӣ буд [1-М].

7. Равшан гардид, ки М. С. Осимӣ сафири илм ба ҳисоб мерафт. Ба сифати олими барҷаста ӯ илми шӯравиро дар хориҷа намояндагӣ мекард, борҳо роҳбарии ҳайати вакилони АИ ИҶШС-ро ба ӯҳда дошт. Ӯ дар

баргузор кардани як силсила ҳамоишҳои муҳимми байналхалқӣ бахшида ба таҳқиқи фарҳанги гузашта ва ҳозираи халқҳои Осиёи Марказӣ, Шарқи Наздик ва Миёна иштирок кардааст. Аз ҷумла, дар ҳамоишҳо бахшида ба ҷашнҳои классикони адабиёти форсу тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, шоирони форсизабони Ҳинд Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Ғолиб, Муҳаммад Иқбол ва дигарон саҳми назаррас дошт. М. С. Осимӣ ҷонишини якуми раиси Комитетҳои умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино (Маскав-Душанбе, 1980) буд. Ӯ роҳбарии коллективи муаллифон оид ба таҳияи "Осори мунтахаб"-и Ибни Синоро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (даҳҷилдӣ ба ҳар забон ) бар зимма дошт [4-М].

М. С. Осимӣ ба инкишофи ҳамкории илмӣ бо олимону марказҳои илмии Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст. Силсилаи нашрияҳо бо ширкати М. С. Осимӣ имрӯз шаҳодати боэътимоди мероси ӯдар илм ва ҳамкории байналмилалӣ мебошад [4-М].

8. Дар кор иштирок ва фаъолияти М. С. Осимӣ дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ шудааст. Ӯ ҳамчун вакил дар як қатор анҷуманҳои Ҳизби коммунисти Тоҷикистон иштирок карда, ба сифати узви КМ ҲК Тоҷикистон ва вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон пазируфта шуд, дар ташкили Энсиклопедияи советии тоҷик саҳм гирифт ва раҳбари ҷамъияти китобдӯстон ва ҷамъияти «Дониш»-и ҷумҳурӣ, раиси Ҷамъияти тоҷикони ҷаҳон «Пайванд» буд… [1-М].

9. Таърихи ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон дар нимаи дувуми асри XX-аввали садаи XXI-ро бо таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти М. С. Осимӣ – олими намоён ва ходими маъруфи ҷамъиятӣ ба таври объективӣ равшан кардан мумкин аст [3-М].

Дар асоси фактҳои таърихие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ имкон дорад. Ба воситаи кори мазкур майли рӯзафзуни аҳли ҷомеаро ба омӯзиши фаъолияти шахсиятҳои таърихии ватанӣ қонеъ гардонидан имконпазир мебошад.

Муҳаммад Осимӣ бо фаъолияти дурахшони илмӣ-ташкилӣ ва ҷамъиятиаш дар дили насли муосир – олимон, ходимони ҷамъиятӣ ва ҷавонони Тоҷикистон нақши носутурданӣ гузоштааст.

## 2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Дар асоси дастовардҳои назарраси мазкур дар диссертатсия чунин тавсияҳо ба миён гузошта шудааст:

Якум, бо зикри намунаи ҳаёт ва фаъолияти академик М. С. Осимӣ дар қалби ҷавонон ҳисси муҳаббат ба Ватанро парваридан лозим аст. Дар ин замина нашри асарҳои илмии оммавӣ ва ташкили барномаҳои вежа дар радиою телевизион ба мақсад мувофиқ аст.

Дувум, бо мақсади муҳокимаи ҳаматарафа, арзёбии объективии фаъолияти илмӣ ва ҷамъиятии М. С. Осимӣ ва ба даст овардани хулосаҳои назаррас силсилаи конференсияҳо ва симпозиумҳои илмӣ ташкил кардан арзиши баланд дорад.

Севум, барои тарғибу ташвиқи фаъолияти М. С. Осимӣ ба навор бардоштани филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ, таълифи асарҳои бадеӣ-драмавӣ, гузоштани номи ӯ ба муассисаҳои таҳсилоти илмӣ ва таълимӣ зарур аст.

Чаҳорум, идомаи таҳқиқ оид ба фаъолияти илмии гуногунҷанбаи Муҳаммад Осимӣ бо ҷалби докторантону аспирантон ва унвонҷӯён аз муҳимтарин унсурҳои шинохти шахсияти номбурда аст.

**Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф таҷассум ёфтаанд:**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Пулатова М. А. М. С. Асимов и его научно – организаторская деятельность в Академии наук Таджикистана / М. А. Пулатова // Вестник ТГУПБП (Отделение гуманитарных наук). – 2015. – №3. – С. 28-33.

[2-М]. Пулатова М. А. Мухамма д Сайфиддинович Осими во главе Таджикиского политехнического института (1956-1962 гг.) / М. А. Пулатова // Историк (Муаррих). – 2020. – №1. – С. 159-170.

[3-М]. Пулатова М. А. Роль Мухаммад Сайфиддинович Осими как министр оброзования Таджикской ССР / М. А. Пулатова // Вестник ТГУПБП (Отделение гуманитарных наук). – 2020. – №2. – С. 20-26.

[4-М]. Пулатова М. А. Академик Мухаммад Осими и организация ЮНЕСКО / М. А. Пулатова // Ученные записки ХГУ (Отделение гуманитарных и общественных наук). – №2 (63). – 2020. – С. 40-46. (на тадж. яз.)

[5-М]. Пулатова М. А. Научно-исследовательская деятельность М. С. Осими / М. А. Пулатова // Даклад АН РТ (Отделение общественных наук). – №2. (010).-2020. – С. 46-52.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида:**

[6-М]. Пулатова М. А. Академик М. С. Асимов и годы его ректорства в Таджикском политехническом институте (1956-1962гг) / М. А. Пулатова // Ученые записки. «Проблемы матема тика и ее переподования». Материалы международной конференции. Часть 2. – №2. – Худжанд: Меъроҷ, 2014. – С. 122-125.

[7-М]. Пӯлотова М. А. Академик М. С. Асимов и ЮНЕСКО / М. А. Пӯлотова // Абдураҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ. Хуҷанд: Ношир, 2014. – С. 347-351.

[8-М]. Пӯлотова М. А. Нақши Муҳаммад Осими дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ / М. А. Пӯлотова // «Защита родины – мать долг каждого человека». Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2015. – С. 40-43.
[9-М]. Пӯлотова М. А. Ёдгорӣ к-аз одамизод аст / М. А. Пӯлотова // Соҳибхирад: Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Сайдулло Абдуллоев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – С. 312-316.
[10-М]. Пӯлотова М. А. М. С. Асимов и его научно – организаторская деятельность / М. А. Пулатова // Раҳоварди олимони ҷавони Суғд: Маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон. - Хуҷанд: Ношир, 2015. – С. 144-152.
[11-М]. Пӯлотова М. А. Муҳаммад Осими – ҳамчун нобиғаи айём дар эҷодиёти У. Ғаффоров / М. А. Пӯлотова // «Усмонҷон Ғаффоров – устод, олим, адиб ва ходими ҷамъиятӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии зодрӯзи У. Ғаффоров. - Хуҷанд: Ношир, 2015. – С. 187-192.
[12-М]. Пӯлотова М. А. Нигоҳи Муҳаммад Осими ба фаъолияти занони соҳибмаърифат / М. А. Пӯлотова // Саҳми занон дар рушди илм. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 312-316.
[13-М]. Пӯлотова М. А. Садриддин Айнӣ ва Муҳаммад Осими: Идомаи суннатҳои илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. А. Пӯлотова // Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 140-солагии Қаҳрамони халқи тоҷик Садриддин Айнӣ. - Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 411-416.
[14-М]. Пӯлотова М. А. Муҳаммад Осими идомабахши шоҳроҳи илм (Дар Академияи илми тоҷик дар солҳои 60-80 уми асри XX) / М. А. Пӯлотова // Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 110-солагии Алломаи машриқзамин академик Б. Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – С. 367-370.
[15-М]. Пӯлотова М. А. Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар / М. А. Пӯлотова // Маорифи Тоҷикистон. – 2020. – №1. – С. 20-22.
[16-М]. Пулатова М. А. Мухаммад Осими – министр образования Таджикской ССР / Пулатова М. А // Академик Муҳаммад Осими ва омӯзиши масоили тамаддуни Осиёи Марказӣ // Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 100-солагии донишманд ва ходими намоёни давлатӣ академик Муҳаммад Осими. – Душанбе, 2020. – С. 859-867.
[17-М]. Пӯлотова М. А. /Муҳаммад Осими пайвандгари тоҷикони бурунмарзӣ/ М. А. Пӯлотова // Паёми Суғд. – 2020. – №9. – С. 58-61.

**Аннотатсия**
**ба автореферати диссертатсияи Пӯлотова Мунзифа Абдусатторовна “Фаъолияти илмӣ-идорӣ ва ҷамъиятӣ-маорифпарварии академик Муҳаммад Осимӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Дар автореферати диссертатсияи Пӯлотова Мунзифа Абдусатторовна таҳти унвони "Фаъолияти илмӣ-идорӣ ва ҷамъиятӣ-маорифпарварии академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих таълиф гардидааст, зарурат ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои илмӣ-назарӣ ва озмоишӣ-таҳқиқӣ, доираи хронологӣ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, ҳамчунин пешниҳоди нуктаҳои асосӣ ба ҳимоя мавриди баррасӣ ва тавсиф қарор гирифтаанд. Мундариҷаи асосии диссертатсия бо такя ба санадҳои раднопазир тарҳрезӣ шуда, натиҷаи он барои истифода дар фаъолияти амалии муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии Тоҷикистон муҳим ва ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад.

Дар диссертатсия бори аввал фаъолияти илмӣ-ҷамъиятии академик Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ – чеҳраи дурахшони илму фарҳанги тоҷик, ходими давлатӣ ва арбоби намоёни ҷамъиятии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ ва солҳои нахустини истиқлоли миллӣ, ки ба тараққии ҷумҳурӣ сахми беназир гузоштааст, ба таври ҷиддиву ҷудогона баррасӣ шудааст. Таҳқиқи диссертатсионӣ ба омӯзиши васеи ҳаёт ва фаъолияти ин олими намоён бахшида шуда, истифодаи амалии натиҷаҳои ба даст омада аз мавзӯъ ба густариши муҳити таърихшиносии давлати ҷавони соҳибистиқлоли тоҷикон имконият фароҳам меоварад. Муаллиф дар ин замина ба хулосае расидааст, ки М. С. Осимӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва илми ҷумҳурӣ ба дараҷаҳои баланд расида, корҳои самарабахши илмӣ, ташкилӣ, маъмурӣ ва ҷамъиятиро анҷом додааст. Ӯ дар марҳалае ба мақоми раҳбарии АИ ҶШС Тоҷикистон ноил гардид, ки кишвар дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илм, адабиёт ва маориф ба комёбиҳои назаррас расида буд.

Дар диссертатсия ба таҳлили ҷудогонаи ҳаёт ва фаъолияти илмии М. С. Осимӣ, ошкор сохтани шахсияти олим-ташкилотчии соҳаи таҳсилоти олӣ ва илми бунёдии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хосе кардааст. Дар ин кор дар асоси ба муомилии бештари илмӣ ворид кардани манбаъҳои нави илмӣ, адабӣ ва маводи дорои хусусияти гуногун (ёддошт, осори бойгонӣ, нишондодҳои оморӣ, маводи ВАО ва ғайра) афзалияти илмӣ, фаъолияти маъмурию ҷамъиятӣ ва мероси илмии М. С. Осимӣ арзёбӣ шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** М. С. Осимӣ, илму фарҳанги тоҷикӣ дар асри XX, РСС Тоҷикистон, Институти политехникии Тоҷикистон, президенти АИ РСС Тоҷикистон, таҳсилоти олӣ.

**Аннотация**

**на автореферат диссертации Пулатовой Мунзифы Абдусатторовны «Научно–организаторская и общественно- просветительская деятельность академика Мухаммада Осими» (1920-1996)» на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07. 00. 02 –Отечественная история**

В автореферате изложены: актуальность темы исследования, обоснована важность научно-теоретических и экспериментально-исследовательских целей и задач, раскрыта степень изученности темы, хронологические рамки, теоретические и методологические основы исследования, а также основные положения, выносимые на защиту. Его основное содержание заключается в осмыслении накопленного исторического опыта, который интересен для использования в практической деятельности учреждений науки и высшего образования Таджикистана.

В диссертации особое внимание уделено изучению фактов из жизнедеятльности Мухаммада Сайфиддиновича Осими - яркого представителя науки и культуры, государственного и общественного деятеля Таджикистана Советской эпохи и первых лет государственной независимости, внесшего неоценимый вклад в развитие республики. Данное диссертационное исследование позволило комплексно изучить биографию ученого и практически применить полученные сведения в исторической среде молодого суверенного Таджикского государства. На этой основе автор пришёл к выводу, что М. С. Осими, занимая высокие должности в сфере высшего образования и науки республики, осуществил плодотворную научную, организаторскую, административную и общественную работу. Он был руководителем АН Тадж ССР в период, когда в республике были достигнуты выдающиеся успехи в сфере экономики, культуры, науки и просвещения.

Соискатель придает большое значение историко-научному анализу жизни и деятельности М. С. Осими, комплексному раскрытию личности учёного – организатора высшего образования и фундаментальной науки Таджикистана. В работе на основе вовлечения в научный оборот новых литературных источников и разнохарактерных материалов (мемуарных, архивных, статистических данных, материалов СМИ и т. д.) дана надлежащая оценка его научных предпочтений, административной и общественной деятельности, научного наследия.

**Ключевые слова:** М. С. Осими, Таджикская ССР, Таджикский политехнический институт, президент АН Таджикской ССР, высшее образование, наука, статья, монография.

## Abstract

**on the synopsis of the thesis "Scientifico-Organizational and Social-Educational Activities of Academician Muhammad Osimi" by Pulatova Munzifa Abdusattorovna for the degree of a candidate of historical sciences on specialty 07. 00. 02 – Domestic History.**

The dissertational work under consideration expounds the actualness of the research topic referred as the significance of scientifico-theoretical and experimental-research purposes and tasks; the degree of exploration in regard to chronological framework, theoretical and methodological grounds of the research and the principal provision submitting for defense being taken into account as well. It is underscored that the main content of the theme explored is to comprehend the accumulated historical experience interesting for resorting to in practical activities of establishments of science and higher education in Tajikistan.

The author of the dissertation pays particular attention to the study beset with the facts concerning Muhammad Saifiddinovich Osimi`s life depiction being a prominent representative of science and culture, statesman and public figure of Tajikistan referring to the Soviet Era and the first years of state independence who exerted a priceless contribution into the development of our republic. The given dissertational work makes it possible to canvass the scientist`s biography and to apply the information obtained in the historical environment of the young sovereign Tajik state comprehensively and practically. Proceeding from this assumption, the author comes to the conclusion that M. S. Osimi, holding high positions in the field of higher education and science of the republic who carried out fruitful scientific, organizational, administrative and social work, on the whole. It is emphasized that he was considered to be the head of the Academy of Sciences of the Tajik SSR pertaining to the period when outstanding successes were achieved in the republic towards the following fields, such as: economy, culture, science and education.

The applicant accentuates her own opinion to the historico-scientific analysis beset with M. S. Osimi`s lifestyle and activity; a comprehensive disclosure of the personality of a scientist-organizer of higher education and fundamental science in Tajikistan being taken into consideration as well. Designing on the premise of involvement of new literary sources and various materials (memoirs, archival, statistical data, media materials, etc.) the applicant proper assesses his scientific preferences, administrative-social activities, and scientific legacy properly.

**Key words:** M. S. Osimi, the Tajik SSR, the Tajik Polytechnic Institute, the President of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, higher education, science, article, monograph.